# ТАВЗЕҲНОМА

## ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117"

Бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои пардохтӣ, мувофиқат намудан ба санадҳои меъёрии амалкунанда, ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117 "Оид ба тасдиқ намудани Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур дар радифи иҷрои саривақтии Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" зикр гардидаанд, ҷиҳати таъмин кардани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо ва тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ нигаронида шудааст.

Ҳангоми ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Тартиби мазкур масъалаҳои истифодабарии таъминоти барномавии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо, вақти гузаронидани клиринги пардохӣ ва ба кадом намуд таҳия шудани ҳуҷҷати клиринги пардохтӣ муайян ва ба танзим даровaрда мешаванд, инчунин ихтилофи техникии ҷойдошта аз байн бурда мешавад.

Қабули тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур боиси пешравии фаъолияти низомҳои пардохтии ба интиқоли маблағҳои фаромарзӣ машғулбуда дар чорчӯбаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон гардида, ба рушди низомҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои пардохтӣ, таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низомҳои пардохтӣ мусоидат менамояд.

Муовини раис Назирӣ Г. Н.